# ТАҚРИЗИ

**роҳбари илмӣ ба таҳқиқоти диссертатсионии Исозода Файзиддин Исо дар мавзуи «Ҷавобгарии ҷиноятӣ барои ғайриқонунӣ ба даст овардани иттилоот: проблемаҳои назариявӣ ва амалӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 5.5.8 – Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ**

**Мубрамии мавзуи таҳқиқоти диссертатсионӣ.** Таъмини амнияти иттилоотӣ аз ҳамлаҳои киберӣ дар шароити ҷаҳонишавӣ мубрам арзёбӣ гардида, иттилоот ба объекти ба таври махсус ҳифзшаванда табдил ёфтааст. Бояд қайд намуд, ки технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ ба рушди соҳаҳои гуногуни иқтисодиёт таъсири калон расонида, як ҷузъи системаҳои муосири идоракунӣ дар тамоми бахшҳои иқтисодиёт, идоракунии давлатӣ, мудофиа, амнияти давлатӣ ва ҳифзи ҳуқуқи инсон табдил меёбад.

Ба таври васеъ ҷорӣ намудани технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ (минбаъд ТИК) дар тамоми соҳаҳои ҳаёти инсон, танзими ҳуқуқии истифодаи ТИК ва ҳифзи захираҳои иттилооти нақши махсус дорад. Маврид ба зикри хос аст, ки дар миёнаи асри XXI захираҳои иттилоотӣ ба сарвати миллӣ табдил ёфта, самаранокии истифодаи онҳо қудрати иқтисодии ҳар як кишварро муайян карда, ин гуна ҷиноятҳо, натанҳо ба амнияти миллии ҳар як давлат, балки масъалаҳои иҷтимоӣ ва фарҳангии аҳолиро низ таҳти хатари ҷиддӣ қарор медиҳад. Бояд тазаккур дод, ки тибқи маълумоти Форуми Ҷаҳонии Иқтисодӣ шахсоне, ки тавассути истифодаи ТИК ҷиноят содир менамоянд, яке аз панҷ хатари асосии ҷаҳонии таҳдидкунда ба амнияти иқтисодӣ ба ҳисоб меравад, зеро дар мавҷудият ва фаъолияти муваффақонаи тамоми бахшҳои иқтисодиёт чунин шахсон хатар эҷод менамоянд. Ин бо он маънидод карда мешавад, ки дар тафовут аз даҳсолаҳои гузашта вазъи содиршавии ин ҷиноят дар шаклу намудҳои гуногун содир шуда, хатари бузург ба амнияти давлатӣ ва

ҷамъиятӣ ифода мегардад. Як нуқтаи муҳимро набояд фаромӯш сохт, ки аз ибтидои асри XXI вобастагии одамон аз ТИК чӣ дар муоширати маҷозии байниҳамдигарӣ, таҳсилоти фосилавӣ, иқтисоди бозоргонии рақамӣ ва чӣ дар ҳама соҳаҳои фаъолияти ҳаётии ҳамарӯза афзоиш меёбад. Аммо дар баробари ҷанбаҳои мусбии худ воситаҳои мазкур фарогирандаи хавфу хатарҳои иттилоотию техникие мебошанд, ки давлатҳои муосирро ба ташвиш оварда истодаанд.

Бинобар ин, мавзуи диссертатсияи Исозода Файзиддин Исо воқеан муҳим буда, тадқиқоти саривақтӣ ва мубрам ба ҳисоб меравад.

Исозода Файзиддин Исо соли 2014 ба факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ба ихтисоси ҳуқуқшиносии умумӣ дохил шуда, онро соли 2019 хатм намудааст.

Номбурда бо фармоиши ректори Донишгоҳи миллии Тоҷикистон аз 21 январи соли 2023, таҳти №18-05 ба ҳайси унвонҷӯи кафедраи ҳуқуқи ҷиноятӣ ва муқовимат бо коррупсияи факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон қабул шудааст.

Таҳқиқоти диссертатсионии Исозода Файзиддин Исо аз мудаддима, 3 боб 7 зербоб, хулоса ва руйхати адабиётдои истифодашуда иборат мебошад.

Дар муқаддима мубрамии мавзуи таҳқиқоти диссертатсионӣ асоснок карда шуда, дараҷаи омӯзиши масъалаи илмӣ арзёбӣ гардида, объект ва мавзуи таҳқиқот, ҳадаф ва вазифаҳои он, асосҳои назариявӣ ва методологӣ, навгониҳои илмӣ, аҳаммияти назариявӣ ва амалӣ муайян карда шудааст.

Муаллиф мавзуро дар сатҳи баланди илмӣ таҳлил намудааст, ки натиҷаҳои бадастовардааш барои рушд ва такмили қонунгузории соҳа ва низоми ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар маҷмуъ хеле судманд мебошанд. Таҳқиқоти мазкур имкон додааст, ки як қатор муқаррарот, таклифу тавсияҳои нав ҷиҳати мукаммалгардонии минбаъдаи қонунгузорӣ дар самти ғайриқонунӣ ба даст овардани иттилоот тавсия шаванд. Ҳамзамон дар рисола мафҳумҳои нави илмӣ низ пешниҳод гардидааст.

Аҳаммияти рисолаи мазкур барои кишвари мо дар омилҳои зерин инъикос меёбад:

-дар фаъолияти меъёрсозӣ: дар таҳияи лоиҳаи санадҳои қонунгузорӣ оид ба таъмини амнияти иттилоотӣ;

- ҳангоми таҳияи лоиҳаҳои қарорҳои Пленуми Суди Олӣ, санадҳои зерқонунии Прокуратураи генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон;

- дар фаъолияти илмии донишгоҳҳои равияи илмҳои ҳуқуқшиносӣ, пажӯҳишгоҳҳои илмӣ-таҳқиқотии дахлдор;

- дар раванди таълим: ҳангоми таълими дарсҳои қисми махсуси ҳуқуқи ҷиноятӣ ва дигар дастурҳои таълимию методӣ.

Мақсади таҳқиқоти диссертсионӣ омӯзиши ҷавобгарии ҷинояти барои ғайриқонунӣ ба даст овардани иттилоот, таҳияи асосҳои назариявӣ ва амалии ин кирдори барои ҷамъият хавфнок ифода мегардад.

Бояд қайд намуд, ки барои ноил шудан ба мақсади гузошташуда муҳаққиқ вазифаҳои зеринро дар назди худ гузоштааст: омӯхтан ва муайян кардани ташаккули қонунгузории ҷиноятӣ вобаста ба ғайриқонунӣ ба даст овардани иттилоот; таҳлил ва пешниҳоди мафҳуми ғайриқонунӣ ба даст овардани иттилоот; таҳқиқ ва таҳлили ҷавобгарӣ барои ғайриқонунӣ ба даст овардани иттилоот тибқи қонунгузории ҷиноятии кишварҳои хориҷӣ; таҳлили илмӣ-амалии объект, тарафи объективии ғайриқонунӣ ба даст овардани иттилоот; баррасӣ ва муайян кардани субъект, тарафи субъективии ғайриқонунӣ ба даст овардани иттилоот.

Дар боби якуми диссертатсия «Таҳлили таърихӣ - муқоисавии ҷавобгарии ҷиноятӣ барои ғайриқонунӣ ба даст овардани иттилоот» масаълаҳои ташакули қонунгузории ҷиноятӣ вобаста ба ғайриқонунӣ ба даст овардани иттилоот дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, мафҳум ва хусусиятҳои ғайриқонунӣ ба даст овардани иттилоот, таҳлили муқоисавӣ-ҳуқуқии ғайриқонунӣ ба даст овардани иттилоот тибқи қонунгузории ҷиноятии

давлатҳои хориҷа, мавриди омӯзиш ва таҳқиқоти илмӣ қарор гирифтааст. Унавонҷӯ зикр менамояд, ки дар ҷаҳони муосир масъалаҳои таъмини амнияти иттилоотӣ аз ҳамлаҳои киберӣ, аз ҷумла тавассути қонунгузории ҷиноятӣ ба танзим даровардани ин самти ҳаётан муҳим, аз масъалаҳои мубрам ба ҳисоб меравад. Бори аввал дар сатҳи илми ҳуқуқи ҷиноятӣ исбот карда шудааст, ки ҷавобгарии ҷиноятӣ дар самти ғайриқонунӣ ба даст овардани иттилоот дар низоми ҳуқуқи ҷиноятии кишварҳои хориҷӣ шакли ягонаро доро набуда, доираи пурраи амалҳои ғайриқонунӣ ба даст овардани иттилоотро дар бар намегиранд.

Боби дуюми таҳқиқоти диссертатсионӣ «Аломатҳои объективии ғайриқонунӣ ба даст овардани иттилоот»-ро фаро гирифта аз ду зербоб иборат аст. Зербоби якуми боби дуюм «Объект ва предмети ғайриқонунӣ ба даст овардани иттилоот)» ном дошта, дар он аз нигоҳи илми ҳуқуқи ҷиноятӣ таҳлили объект ва предмети ин ҷиноят роҳандозӣ гардидааст. Зербоби дуюми боби дуюм «Тарафи объективии ғайриқонунӣ ба даст овардани иттилоот» ном дошта, дар он аломатҳои тарафи объективии ғайриқонунӣ ба даст овардани иттилоот мавриди таҳқиқот қарор гирифтааст.

Муаллиф қайд мекунад, ки муқаррар намудани аломатҳои тарафи объективии ин ҷиноятҳо барои бандубасти кирдорҳоии мазкур ва минбаъд ба ҷавобгарӣ кашидани шахси онро содиркарда аҳаммияти муҳим дорад.

Боби сеюм «Аломатҳои субъективии ғайриқонунӣ ба даст овардани иттилоот» аз ду зербоб иборат аст. Зербоби якуми боби сеюм «Субъекти ғайриқонунӣ ба даст овардани иттилоот» номгузорӣ шуда, дар он аз нигоҳи илмӣ ҳуқуқи ҷиноятӣ таҳлили субъекти ин ҷиноят ба роҳ монда шудааст. Зербоби дуюми боби сеюм «Тарафи субъектии ғайриқонунӣ ба даст овардани иттилоот» ном дошта, дар он аломатҳои тарафи субъективии ғайриқонунӣ ба даст овардани иттилоот мавриди таҳқиқ қарор гирифтааст. Муаллиф қайд мекунад, ки муқаррар намудани аломатҳои тарафи

субъективии ин ҷиноят барои бандубасти кирдори мазкур ва минбаъд ба ҷавобгарӣ кашидани шахси онро содиркарда аҳаммияти муҳим дорад.

Дар асоси ҷамъбасти таҳлилу таҳқиқи илмӣ оид ба ҷавобгарии ҷиноятӣ барои ғайриқонунӣ ба даст овардани иттилоот:. проблемаҳои назариявӣ ва амалӣ, муаллиф ба хулосаи ниҳоӣ омада, дар рисола пешниҳодҳои судмандро ба мақсад мувофиқ шуморидааст.

Мавзуи диссертатсия ва мундариҷаи он дуруст ва ба мақсади рисола мувофиқ мебошанд. Хулосаҳои илмию тавсияҳои дар диссертатсия овардашуда қобили дастгирӣ аст. Феҳристи адабиёт мутобиқ ба мавзуи матраҳшуда буда, истинодҳо барои тақвияти пешниҳоди илмӣ мувофиқ ба матлаб истифода шудаанд. Диссертант аз натиҷаи таҳқиқот хулосаҳои назарӣ бароварда, барои амалӣ кардани онҳо маслиҳатҳои муфид манзур гардонидааст.

Хулосаҳо ва пешниҳодоти таҳқиқот ба воситаи заминаҳои назариявию методологии диссертатсия асоснок гардидаанд. Бояд иброз намуд, ки вобаста ба масъалаи таҳқиқшаванда довталаб дар чандин чорабиниҳои илмию амалии сатҳи гуногун баромад намуда, дар бораи натиҷаҳои таҳқиқот маълумот дода, хулосаҳои ҳуқуқии зарурӣ ва мушкилоту камбудиҳои ҷойдошта аз рӯи таҷрибаи тафтишотӣ-судӣ, истифодаи воситаҳои техникаи муосир, тартиб ва тарзу усули баамалбарории тафтишии ин намуди ҷиноятро пешниҳод намудааст.

Ҳамаи ин имкон додааст, ки таҳқиқоти диссертатсионӣ ҳаматарафа ва пурра анҷом дода шавад.

Хулоса, диссертатсияи Исозода Файзиддин Исо дар мавзуи «Ҷавобгарии ҷиноятӣ барои ғайриқонунӣ ба даст овардани иттилоот: проблемаҳои назариявӣ ва амалӣ» ба талаботи Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267) ва Дастурамал оид ба тартиби барасмиятдарории диссертатсия, автореферати диссертатсия ва дигар маводди илмӣ (фармоиши раиси

Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31 марти соли 2021, № 3) ҷавобгу буда, ҷиҳати сазовор гардидан ба дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз руйи ихтисоси 5.5.8 - Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ барои ҳимоя пешниҳод карда мешавад.

**Роҳбари илмӣ:** доктори илмҳои
ҳуқуқшиносӣ, дотсенти кафедраи
криминалистика ва фаъолияти
экспертизаи судии факултети ҳуқуқшиносии
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон Давлатзода К.Д.

Суроға: 734023, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Душанбе, ноҳияи Сино,
кӯчаи Асадулло Ғуломов, 35 хонаи 9
Тел.: (+992) 908592323

Имзои К.Д. Давлатзодаро тасдиқ менамоям:
Сардори РК ва КМ ДМТ Шодихонзода Э.Ш.
«28» 10 с. 2025

Суроға: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17
Телефон.: 221-62-25; 227 -15-10
Факс: (+992-37) 227-15-10
Email: info@tnu.tj